*«Тасдиқ карда шуд»*
*Раиси Шӯрои олимони ДДМИТ*
*_________ Хайрзода Ш.Қ.*
*«_____»________2018*

# НИЗОМНОМАИ

Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## I.Муқаррароти умумӣ

1. Шӯрои олимон бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии марбут ба фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва молиявию хоҷагидории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) дар назди ректор таъсис дода шуда, мақомоти идоракунандаи Донишгоҳ маҳсуб мегардад.

2. Вазифаи асосии Шӯрои олимони Донишгоҳ дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», амру дастурҳо ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришу фармоишҳои Вазорати молия ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф мебошад.

## II. Ҳайат ва фаъолияти Шӯрои олимони Донишгоҳ

3. Шӯрои олимони Донишгоҳ (минбаъд Шӯро) дар ҳайати ректор (раиси Шӯро), муовинони ректор (муовини якум, муовини ректор оид ба таълим-муовини раиси Шӯро), деканҳои факултетҳо ва роҳбарони воҳидҳои таркибӣ, мудирони воҳидҳои асосӣ ва кормандони намоёни илмию омӯзгорӣ ташкил карда мешавад.

4. Ҳайати Шӯроро ректори Донишгоҳ тибқи фармоиш ба мӯҳлати 3 (се) сол тасдиқ менамояд.

5. Ректори Донишгоҳ дар мавридҳои лозимӣ вобаста ба зарурати истеҳсолӣ метавонад ҳайат ва миқдори аъзои Шӯроро тағйир диҳад.

6. Дар ҳолати пеш аз муҳлат аз ҳайати Шӯро баромадан (даъват шудан)-и аъзои Шӯро такмил ва тағйири ҳайати Шӯро дар аввали соли таҳсил сурат мегирад.

7. Бо назардошти зарурати бамиёномада даровардани тағйироти ҷузъӣ ба ҳайати Шӯро дар давоми соли таҳсил сурат мегирад.

8. Ректор котиби Шӯроро ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд.

9. Шакли асосии фаъолияти Шӯро ҷаласаи он дониста мешавад.

10. Нақшаи солонаи кори Шӯроро баъд аз баррасии он дар ҷаласаи Шӯро ректор дар аввали соли таҳсил тасдиқ мекунад.

11. Ҷаласаи Шӯро моҳе як маротиба доир мегардад.

12. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо ташаббуси ректор (раиси Шӯро) ҷаласаи ғайринавбатӣ гузаронида мешавад.

13.Ҷаласаҳои Шӯро ҳамон вақт фаъолият мекунанд, ки агар аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро ҳузур дошта бошанд.

14. Қарори ҷаласаи Шӯро дар сурате ҳуқуқи амалӣ шуданро пайдо мекунад, ки агар аз нисф зиёди аъзои дар ҷаласа ҳузурдошта ба тарафдории он овоз диҳанд.

15. Дар сурати бо қарор розӣ набудани ректор (вобаста ба масъалаҳои баҳснок) масъалагузорӣ такроран ба баррасӣ гузошта мешавад ва дар муҳокимаи он бояд аз се ду ҳиссаи ҳайати Шӯро иштирок намоянд.

16. Санади Шӯро дар шакли фармоиш, қарори алоҳида ва ё нусха аз суратҷаласа мураттаб мегардад.

17. Иҷрои қарори Шӯро барои тамоми субъектҳои таркибии сохтори Донишгоҳ ва тамоми кормандон, омӯзгорон, докторантон, аспирантон, унвонҷӯён, магистрон ва донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

## III. Ваколатҳои Шӯро

18. Доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Донишгоҳ таклифҳо пешниҳод мекунад.

19.Масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимӣ, илмию методӣ, таълимию тарбиявӣ, илмию тадқиқотӣ дар самти тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ муайян менамояд.

20. Номгӯи ихтисосҳо, тахассусҳо, курсҳои омӯхташаванда ва миқдори онҳо, шаклҳои назорати дониши донишҷӯён, вақти оғоз ва анҷоми давраҳои таҳсили семестрҳои таълимиро муайян мекунад.

21. Масъалаҳои такмили идора ва сохтори Донишгоҳ, аз ҷумла, ташкил (барҳамдиҳӣ)-и марказҳо, пажӯҳишгоҳҳо, донишгоҳ ва академияҳои таълимӣ, факултетҳо, кафедраҳо, шуъбаҳо, лабораторияҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ менамояд.

22. Масъалаҳои асосии дурнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро баррасӣ менамояд.

23. Мувофиқи тартиботи муқарраршуда магистратура, аспирантура ва докторантура таъсис медиҳад.

24. Мувофиқи тартиботи муқарраршуда шуъбаҳо, намояндагиҳо, ихтисосҳо ва тахассусҳои нав боз менамояд.

25. Нақшаи дурнамо ва мавзуи пажӯҳишҳои илмиро баррасӣ карда, тасдиқ менамояд.

26. Номгӯи ихтисосҳоро, ки аз рӯи онҳо таҳсилот дар Донишгоҳ сурат мегирад, тасдиқ мекунад.

27. Дар бораи таъсис додан, таҷдид (аз нав ташкил кардан) ё барҳамдиҳии факултетҳо, кафедраҳо, дигар воҳидҳои таркибӣ (сохторӣ)-и Донишгоҳ қарор қабул намуда, самтҳои асосии фаъолияти онҳоро муайян менамояд.

28. Муқаррароти воҳидҳои таркибӣ (сохторӣ)-и Донишгоҳ, инчунин дигар асноди танзимкунандаи фаъолият ва воҳидҳои таркибӣ (сохторӣ)-и марбути онро баррасӣ менамояд.

29. Харҷномаи даромад ва хароҷоти маблағҳои махсуси Донишгоҳро баррасӣ ва тасдиқ намуда, ҳисоботи солонаи иҷрои харҷномаи мазкурро баррасӣ ва хулосагирӣ менамояд.

30. Масъалаи ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи маблағҳои Донишгоҳро баррасӣ мекунад.

31. Ҳайат ва хулосаи қарори комиссияҳо ва шӯроҳои доимию муваққатан амалкунандаро тасдиқ мекунад.

32. Комиссияи тафтишотиро интихоб, низомнома ва ҳисоботи онро тасдиқ мекунад.

33. Имтиёзҳои мавҷударо барои ишғол намудани вазифаҳои дотсент, профессор ва дигар кормандони илмию таълимӣ муқаррар ва татбиқ мекунад.

34. Бо пешниҳоди ректор масъалаи пеш аз муҳлат аз вазифа озод намудани мудири кафедраро баррасӣ мекунад.

35. Мутобиқи тартиби муқарраршуда озмуни интихобшавиро ба вазифаҳои мудири кафедра, профессор, дотсент, ходими хурд ва калони илмӣ мегузаронад.

36. Интихоби довталабонро ба тариқи озмун барои ишғоли вазифаҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон амалӣ мекунад.

37. Қарори Шӯро дар ҳалли масъалаҳои ишғоли вазифа он гоҳ қабул карда мешавад, ки агар ба тарафдории он аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро, ки дар ҷаласа ҳузур доранд, овоз диҳанд.

38. Ҳангоми баробар шудани овозҳо ё нагирифтани миқдори зарурии овозҳои аъзои Шӯро пас аз фосилаи як моҳ дар ҷаласаи навбатӣ масъалаи мазкур аз нав муҳокима гардида, мавриди овоздиҳӣ қарор дода мешавад.

39. Мутобиқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти унвонҳои илмии профессор ва дотсент номзадонро пешбарӣ менамояд.

40. Қарори Шӯро дар ҳалли масъалаҳои марбут ба дарёфти унвонҳои илмии профессор ва дотсент он гоҳ қабул карда мешавад, ки агар ба тарафдории он аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро, ки дар ҷаласа ҳузур доранд, овоз диҳанд.

41. Мутобиқи тартиби муқарраршуда номзадҳоро барои интихоб ба ҳайати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ менамояд.

42. Унвони фахрии Доктори ифтихории Донишгоҳро ба арбобони давлатӣ, ходимони ҷамъиятӣ, олимони кишварҳои хориҷӣ медиҳад.

43. Барои гирифтани стипендияи номӣ номзадҳоро аз ҷумлаи донишҷӯёни аълохону фаъол, докторантон, аспирантон, магистрон тавсия ва тасдиқ менамояд.

44. Масъалаи тайёр намудан, такмили ихтисос ва ҳавасмандкунии кадрҳоро баррасӣ намуда, барои дохил шудан ба аспирантура, докторантура магистратура ва гузаронидани омӯзгорон ба вазифаи ходими илмӣ ва анҷоми рисолаҳои докторӣ тавсияҳо медиҳад.

45. Дар хусуси ба омӯзгорон додани рухсатии эҷодӣ, фиристодан ба докторантура ва курсҳои такмили ихтисос розигӣ медиҳад.

46. Мавзӯи рисолаҳои номзадӣ ва доктириро бо пешниҳоди Шӯрои олимони факултетҳо ва шӯроҳои ташхисӣ тасдиқ менамояд.

47. Масъалаҳои муҳими таълим, корҳои илмӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, рушди Донишгоҳро баррасӣ менамояд.

48. Нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

49. Масъалаҳои мубрамеро, ки мутобиқи Оинномаи Донишгоҳ ба салоҳияти Шӯро вогузор гардидаанд, ҳал менамояд.

50. Раиси Шӯро иҷрои мунтазами қарорҳои Шӯроро зери назорат гирифта, роҷеъ ба он ҳар се моҳ як маротиба дар ҷаласаи Шӯро ахбор медиҳад.

51. Оид ба иҷрои нақшаи кори Шӯро котиби илмӣ ҳисобот медиҳад.

52. Ҷаласаҳои Шӯро дар суратмаҷлис қайд карда шуда, ба суратҷаласа раиси Шӯро ва котиби илмӣ имзо мегузоранд.

## IV. Ректори Донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин метавонад қарори Шӯроро бекор намояд:

- дар ҳолате ки агар қарори қабулшуда хилофи Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;
- агар қарори қабулшуда берун аз салоҳияти Шӯро бошад;
- агар қарори қабулшуда аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
аз «___» _____ соли 2018 қабул карда шуд.